# ФАРМОИШИ
# РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

аз «11» 02 соли 2026 №10/11 ш. Душанбе

Оид ба гузаронидани озмуни дохилидонишгоҳии донишҷӯёну магистрантон оид ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ»

Дар асоси сархати 15 банди 28-и Оинномаи «Муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» ва Низомномаи озмуни дохилидонишгоҳии донишҷӯёну магистрантон дар бораи гузаронидани озмуни донишгоҳӣ оид ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ»

фармоиш медиҳам:

1. Бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию эҷодии донишҷӯёну магистрантон ҷиҳати татбиқи амалии ташаббуси ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани 21-уми март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, озмуни дохилидонишгоҳӣ миёни донишҷӯёну магистрантон оид ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» тибқи муқаррароти Низомномаи озмун, ки бо қарори Шурои олимони донишгоҳ таҳти №06/6.5 аз 30.01.2026 с. тасдиқ шудааст, гузаронида шавад.

2. Барои дар сатҳи баланд баргузор намудани озмуни мазкур комиссияи озмунӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

2.1. Сатторзода Б. А. - ректори ДДМИТ (раис);

2.2. Муқимов Қ.М. - муовини ректор оид ба илм ва инноватсия (муовини раис);

2.3. Халифазода Ҷ.Б. - сардори раёсати илм ва инноватсия (аъзо);

2.4. Мирмуҳамадзода Р.М. - н.и.п., дотсент, мудири кафедраи фанҳои табиатшиносӣ (аъзо);

2.5. Абдуллозода О.П. - н.и.к., дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносӣ (аъзо);

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ
Воридот № 12 аз 11 02 2026
Вход

2.6. Орифҷонова В.Р. - муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносӣ (аъзо);

2.7. Яқубов Р.Ш. - муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносӣ (аъзо);

2.8. Ҷобиров Н.М. - сармуҳаррири рӯзномаи донишгоҳ (аъзо);

2.9. Исматуллозода А.И. - директори китобхонаи илмии ДДМИТ (котиб).

3. Гурӯҳи корӣ вазифадор карда шавад, ки аз натиҷаи гузаронидани озмун ба ректори донишгоҳ гузориши муфассал пешниҳод намояд.

4. Сардори шуъбаи умумӣ Нурова И., вазифадор карда шавад, ки фармоиши мазкурро нусхабардорӣ намуда, ба тамоми сохторҳои дахлдор ирсол намояд.

Асос: пешниҳоди раёсати илм ва инноватсия, қарори Шурои олимони донишгоҳ таҳти №06/6.5 аз 30.01.2026, Низомномаи озмуни дохилидонишгоҳии донишҷӯёну магистрантон оид ба «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» ва розигии раёсати донишгоҳ.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Муқимов Қ.М. вогузор карда шавад.

Ректор Átторзода Б. А.